# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД:** 347/347.8+336:34+347.6+341.5(575.3)

**АБДУЛЛОЗОДА ЁҚУБ МАҲМАДИСУФ**

# МАҚОМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**ДУШАНБЕ – 2025**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Раҷабзода Маҳмадиёр Носир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Муқарризони расмӣ:** **Раупова Манзура Турсуновна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Аминова Фарида Маҳмадаминовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи «29» апрели соли 2025, соати 10$^{\underline{00}}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Суроға: Қодиров Н.А. master.nek@mail.ru, (тел: 905-80-86-86)

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ___________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Истиқлоли давлатӣ дар ташаккул ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши асосӣ дошта, дар татбиқи сиёсати «дарҳои кушода», ки ҷавҳари равобити байналмилалии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо аксари давлатҳои дунё дар робита дар муносибатҳои неку дӯстона ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанба дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар кишвар густариш дода шуда, танзими ҳуқуқии онҳо тақозои замон мебошад. Бо чунин назардошт, ҳуқуқи байналимлалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии миллӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ ташаккул ёфта, муайян ва муқаррар кардани мақоми ҳуқуқии он дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ зарур мебошад.

Бояд қайд кард, ки рушди давлати миллӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 баррасӣ гардидааст, «... маҳз ба шарофати заҳмати содиқонаи халқи азизи Тоҷикистон ва дастгириву пуштибонии хурду бузурги кишвар аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлату Ҳукумат мо мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоиро бартараф сохта, як кишвари орому босубот ва рӯ ба тараққиро бунёд намудем» [1].

Воқеан, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як марҳилаи кӯтоҳи соҳибистиқлолии хеш бо амалисозии барномаҳои гуногуни давлатӣ аз феҳристи давлатҳои иқтисодашон суструшдкунанда берун омада, дар радифи давлатҳои рӯ ба тараққӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол намудааст, ки он натиҷаи дуруст ба роҳ мондани таъмини кафолати ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ташкилу фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони ватанию хориҷӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мебошад.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии ҳар як кишвар мақом ва нақши муассири хешро доро мебошад, ки таҳқиқ ва омӯзиши он баҳри таҳкими давлатдорӣ, рушди қонунгузорӣ ва ҳифзу баланд бардоштани нуфузи байналмилалии давлат мусоидат менамояд.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз қарни XIV дар мактабу равияҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор гирифта, дар қарни XIX дар Россия ва дар охири қарни XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳқиқи он ба роҳ монда шудаст.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, вале новобаста аз чунин вазъ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои миллии худ, дар раванди ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, муҳоҷират, тараққиёти илму техника, сиёсати дарҳои кушодро ҳадафи некбинонаи хеш қарор дод, ки дар чунин марҳилаи рушд омӯзиши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносии кишвар мавқи намоёнро пайдо намудаст.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар танзими масъалаи таҳқиқшаванда ду равиш вуҷуд дорад. Якум равиш (сивилистӣ), дар қонунгузории маданӣ инъикос ёфтааст ва метавонад ҳамчун равиши маҳдуд шарҳ дода шавад. Дар айни замон, дар доираи қонунгузории оилавӣ, меҳнатӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва мурофиавии маданӣ, ин категория аз нуқтаи назари васеъ шарҳ дода мешавад.

Истиқлолияти давлатӣ шароит фароҳам овард, ки соҳаҳои ҳуқуқ дар кишвар вобаста бо талаботи иқтисоди бозоргонӣ ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ ташаккул ва рушд дода шавад. Дар ин бахш, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ истисно нест. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ташаккул ва рушди он ба замони истиқлолияти давлатӣ рост меояд, гарчӣ танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар таърихи

давлатдории тоҷикон таърихи қадима дорад, вале ташаккули қонунгузорӣ дар бахши танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ бо истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рабт дода мешавад.

Мавзуи мазкур аз диди талаботи илмӣ ҳуқуқшиносии муосири кишвар мубрам буда, омӯзиш ва таҳлили он дар инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории кишвар мусоидат хоҳад намуд.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ паҳлӯҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаст, ки он дар сатҳи зарурӣ ва ё дар сатҳи диссертатсионӣ таҳлилу барраси қарор дода нашудааст. Бо чунин назардошт, гуфтан бамаврид аст, ки таҳқиқи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асоси назариявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии диссертатсиониро моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, корҳои илмии олимон ва муҳақиқони ватанӣ ба монанди Ш.К. Ғаюров [6, с. 26], Ш.К. Каримзода (Бадалов, Ш.К.) [3, с. 34], Х.Р. Қодирқулов [10, с. 42], Н.А. Қодиров [11, с. 18], Қ.Ш. Қурбонов [13, с. 4], М.А. Маҳмудзода [16, с. 17], Ш.М. Менглиев [21, с. 139], А.М. Мирзоев [22, с. 62], Э.С. Насриддинзода [23, с. 23], М.З. Раҳимзода [25, с. 71], Д.С. Раҳмон [26, с. 19], М.Н. Раҷабзода [24], С.А. Раҷабов [42, с. 68-81], Б.А. Сафарзода [28, с. 36], Ф.С. Сулаймонов [30], С.Н. Тағоева [32, с. 84; 33, с. 102], Ф.Т. Тоҳиров [34, с. 20], О.У. Усмонов [36, с. 18], А.Ғ. Холиқзода [38, с. 93], Б.Т. Худоёрзода [18, с. 45], Р.Ш. Шарофзода (Сотиволдиев, Р.Ш.) [29] ва дигарон фаро гирифтааст.

Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаст. Аз ҷумла, дар асарҳои баъзе аз олимони хориҷӣ, ба монанди Л.П. Ануфриева [2], М.М. Богуславский [4, с. 211], Г.М. Веляминов [5, с. 318], И.В. Гетман-Павлова [7], Н.Ю. Ерпилева [8, с. 153], А.О.

Иншакова [9], Л.А. Лунс [14, с. 203; 15, с. 89], В.В. Кудашкин [12, с. 52], Ф.Ф. Мартенс [17, с. 79], В.Г. Матвеева [19], М.А. Сарсембаев [27, с. 160], М.К. Сулейменов [31, с. 84], Е.Т. Усенко [35, с. 89], Г.Ю. Федосеева [37], В.Г. Храбсков [43, с. 88-95], В.М. Шумилов [40, с. 190] ва дигарон зери таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.

Инчунин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусиятҳои маъхазҳои ёдгориҳои таърихии халқи тоҷик, низоми ҳуқуқи зардуштӣ, низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, низоми ҳуқуқи хусусии римӣ, низоми ҳуқуқи шуравӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муқаррароти Кодексҳои меҳнат, оила, мурофиаи маданӣ ва иқтисодӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои зерқонунии меъёрии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ мақоми ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз ҷониби як қатор олимони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳққиқ қарор дода шудааст. Вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар сатҳи диссертатсионӣ кори илмӣ ҷой надорад. Аз ҳамин рӯ, диссертатсияи мазкур ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар низоми ҳуқуқи миллӣ равона карда шудааст.

Мавзуи мазкур аз диди талаботи илми ҳуқуқшиносии муосири кишвар мубрам буда, омӯзиш ва таҳлили он дар инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории кишвар мусоидат хоҳад намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ду марҳиларо дар бар мегирад: якум марҳила солҳои 2015-2020 ва дуюм марҳила бошад солҳои 2020-2025 дар мавзуи «Проблемаҳои актуалии назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» омода карда шудааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти кори илмиро таҳлили проблемаҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ, қонунгузорӣ ва байналмилалӣ фаро гирифтааст, ки ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳодҳо, тавсияву таклифҳо оид ба мукаммал гардидани соҳаи мустақили ҳуқуқ ва қонунгузориро дар бар мегирад.

Диссертант хусусиятҳои асосии пайдоиш, ташаккул, мафҳум, предмет, усулҳо, таносуб, рушди илм ва мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои иброзгардида, муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

– пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сарзамини тоҷикон дар марҳилаҳои гуногуни таърих;

– коркарди мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии хусусиятҳои таносуби ҳуқуқ – «ҳуқуқи хусусӣ» ва «ҳуқуқи оммавӣ» ва нақши онҳо дар ташаккули соҳаҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар мазмуни маҳдуд ва васеъ таҳлили гардидани предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва муайян кардани усулҳои он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– омӯзиш ва таҳлили хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мақсад ва таҳавулоти раванди рушди илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Масоили танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ ташкил дода, ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар бар мегирад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Адешаву назари олимон, ақидаҳо, нуқтаи назар, мафҳумҳо, хусусиятҳо, хулосаҳо ва

категорияҳои марбут ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се марҳилаи ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар бар мегирад: 1) пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз давраҳои қадим то давраи шуравӣ; 2) ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар давраи шуравӣ; 3) инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ ду марҳиларо дар бар мегирад: 1) баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ аз соли 1991 то соли 2005; ва 2) аз 2005 то имрӯзро фарро мегирад. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ масоилҳои (проблемаҳо)-и танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории ҶТ баррасӣ карда шудаст. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҶТ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, мазмуну моҳияти корро пурра намудаст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2015-2024 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ш.К. Ғаюров, Н.Ю. Ерпилева, Ш.К. Каримзода, Х.Р. Қодирқулов, Н.А. Қодиров, Қ.Ш. Қурбонов, Л.А. Лунц, В.Г. Матвеева, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, А.М. Мирзоев, Э.С. Насридинзода, И.С. Перетерский, М.З. Раҳимзода, Д.С. Раҳмон, М.Н. Раҷабзода, С.А. Раҷабов, Б.А. Сафарзода, Ф.С. Сулаймонов, С.Н. Тағоева, Ф.Т. Тоҳиров, О.У. Усмонов, А.Ғ. Холиқзода, Б.Т. Худоёрзода, Р.Ш. Шарофзода [166] ва масъалаҳои махсуси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар сатҳи корҳои диссертатсия аз ҷониби Л.П. Ануфриева, И.В.

Гетман-Павлова, М.Н. Кузнетсов, Р.Б. Морева, В.Г. Храбсков ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсияи мазкур усулҳои умумӣ, махсус ва соҳавӣ мавриди истифода қарор дода шудаст. Аз ҷумла, усулҳои умумии дарки илмӣ, диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида ва таҳлилию синтез, усулҳои махсуси илмии ҳуқуқиро дар бар мегирад: усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, функсионалӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, усулҳои таҳлилии забонӣ дар таҳқиқоти мазкур истифода шудаанд. Ба усулҳои соҳавӣ бошад, усули моддӣ-ҳуқуқӣ, коллизионӣ-ҳуқуқӣ ва унификатсонӣ-ҳуқуқӣ шомил мегардад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқи диссертатсия муаллиф бо мақсади дуруст муайян кардани таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ диққати махсус ба амалияи судӣ ва омори расмӣ равона намудааст. Таҷрибаи судии судҳои ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаст.

Инчунин, дисертатсия дар натиҷаи таҳлили қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ пешниҳод карда шудаст. Ҳамчунон барои низоми ҳуқуқи миллӣ ва илм, таъмини таҷрибаи татбиқи ягонаи қонунгузорӣ аз ҷониби судҳо ва дигар мақомоту муассисаҳо, мусоидат хоҳад кард.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти илмӣ оид ба масоили танзими ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлӯҳои танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳқиқ қарор дода шудаст. Дар натиҷаи таҳқиқоти ба анҷом расонида, диссертант ба ҳимоя пешниҳодҳои мубрам ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ақидаҳои асоснок манзур намуд, ки ба рушди соҳаи мазкур дар низоми ҳуқуқи миллӣ хизмат

мекунанд. Ҳамчунин, аз ҷониби муаллиф масъалаҳои зерин баррасӣ карда шудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосири кишвар навгонӣ маҳсуб меёбанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зерини илмӣ пешниҳод карда мешаванд, ки онҳо дар диссертатсия навгонӣ дониста мешаванд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсия пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ин ё он марҳилаи таърих ба давраҳои зерин тасниф карда шудааст: 1) пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз замонҳои қадим то давраи шуравӣ; 2) инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар давраи шуравӣ; 3) рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баъди бадаст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ ду марҳиларо дар бар мегирад: 1) баъди ба даст овардани Истиқлоли комили сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2005 ва 2) аз соли 2005 баъди қабули қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин ҷонибро фаро гирифтааст.

2. Зимни таҳлили унсурҳои асосии мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, чунин хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муайян гардиданд:

а) ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ на соҳаи мустақили комплекси ҳуқуқ, ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад;

б) ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмуи меъёрҳои мураккаби ҳуқуқӣ (меъёрҳои коллизионӣ, меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва ягона (унификатсионӣ)-и ҳуқуқӣ) иборат аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро бо унсури хориҷӣ танзим ва манфиатҳои иштирокдорони ин муносибатҳоро ҳифз менамояд.

3. Таърихан таҳаввули ҳуқуқ дар ҷараени тақсимоти он ба ҳуқуқи «хусусӣ» ва «оммавӣ» сурат гирифтааст, ки ин хусусият бевосита таъсири худро ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ расонидааст.

4. Дар асоси омӯзиши адабиети мавҷуда муаллиф ба хулосае омад, ки предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ду ҷанба – васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад.

Дар доираи тафсири аввал, мавзӯи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмӯи меъерҳои ҳуқуқӣ иборат аст, ки муносибатҳои хусусии байналмилалиро бо унсури хориҷӣ танзим мекунанд. Тафсири дуюм мавзӯи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ бо унсури хориҷӣ маҳдуд менамоянд.

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, ки дорои предмет, усулҳо (метод), субъект, объект, принсип, сарчашма ва ғайраҳо иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро бо унсури хориҷӣ танзим менамояд.

5. Бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои хоси таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар умумияту фарқияти онҳо ифода мегардад, ки робитаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар доштани мақсади ягона, яъне танзими муносибатҳои байналмилалӣ фаҳмида мешавад. Таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ вобаста ба предмет, усулҳо (метод), субъект, объект, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарзи ҳалли баҳс, ҷавобгарӣ ва дигар хусусиятҳо дида мешавад.

6. Омӯзиши илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи начандон тулонӣ дорад ва ба доираи илмҳои «хусусӣ-ҳуқуқӣ» шомил гардида, таҳқиқу омӯзиши он дар хусуси муносибатҳои фаромиллии маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, мурофиаи маданӣ ва ғайра ифода мегардад.

Ташаккули илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истиқлолияти давлатӣ рабт дорад ва он аз ду марҳилаи таърихи иборат аст, дар замони

Истиқлоли давлатӣ, яъне аз соли 1991 то солҳои 2005 ва аз соли 2005 то имрӯзро дар бар мегирад.

**Ҷиҳати мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда чунин тавсияҳои хусусияти амалидошта манзур гардиданд:**

1. Бо назардошти амали меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ паҳн мегарданд, мувофиқи мақсад аст, ки вобаста ба хусусиятҳо ва функсияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси таҷрибаи дигар давлатҳои таҳлилгардида пешниҳод менамоем, ки «Кодекси байналмилалии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад ва ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқи мадани, оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар меъёрҳое, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардидаанд, дар як санади меъёри ҳуқуқӣ муқаррар карда шаванд.

2. Дар моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқи дар муносибатҳои ҳуқуқи мадании дорои унсури хориҷӣ татбиқшаванда» муқаррар карда шудааст, ки он дар мазмуну мафҳуми муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аз ҷиҳати интихоби меъёри ҳуқуқ намебошад. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки номи моддаи мазкур ба номи «Муайян кардани ҳуқуқҳое, ки дар муносибатҳои маданӣ бо унсури хориҷӣ татбиқ мегарданд» иваз карда шавад, зеро дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ судя ва дигар мақомотҳои ваколатдор меъёри ҳуқуқро муайян карда метавонад, ки таҷрибаи давлатҳои таҳқиқшаванда аз мақсад дур нест.

3. Сархати 1-уми моддаи 1306-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин мазмун мувофиқи мақсад аст: «Истифодаи қонунгузории маданӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалие, ки дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи ҳамин кодекс, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки

Тоҷикистон онҳро эътироф кардааст, одатҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад ва дар асоси созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад, танзим карда мешаванд».

4. Ба моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми дигар илова кардан мувофиқи мақсад аст. «Муайян кардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ бо иштироки шахсони воқеӣ (шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва шахсонӣ бешаҳрванд), шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилотҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва давлатҳо ки дар муносибатҳои мазкур бо унсури хориҷӣ иштирок менамоянд татбиқ мегардад» .

5. Фасли VIII (боби 22, моддаҳои 168-177)-уми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои оилавӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» бахшида шудаст, ки муқаррароти фасли мазкур натанҳо ба вазъи ҳуқуқии оилавии шахсони воқеи хориҷӣ (шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд), балки фарогири муносибатҳои оилавиро нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон берун аз кишвар тибқи (моддаҳои 168, 169 (банди 1), 171 (банди 2)) дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки чунин ҳолат мутобиқат накардани ном ва муқаррароти фасл ба моддаҳои мазкур мебошад.

Аз ин лиҳоз, матни боби 22-уми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Истифодаи қонунгузории никоҳ ва оила дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд татбиқ мегардад» номгузорӣ карда шавад, зеро мувофиқ ба муқаррароти моддаҳои 167-177 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Фасли XlIl Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти муносибатҳои оилавиро бо иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд пурра дарбар намегирад, аз ин рӯ, дар Кодекси

оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фасли VIII-ум «Ҳуқуқҳои оилавии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ» ва ё дар Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фасли V-ум «Ҳуқуқҳои мурофиавии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ» номгузорӣ карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба рушди муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мусоидат хоҳад намуд. Ҳамин тариқ, пешниҳодҳо ва дастовардҳои натиҷаи кори илмии муаллиф метавонад минбаъд барои такмили низоми ҳуқуқи миллӣ, қонунгузорӣ ва рушди соҳаи мазкур заминаи илмиро ба вуҷуд меорад.

Инчунин, маводҳои диссертатсия метавонад ҳангоми таҳия дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, тадриси фанни таълимии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, курсҳои махсуси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳангоми корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсионӣ ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Боэътимод будани натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинонаи пажӯҳишҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳаматарафаи таҳқиқотии назариявӣ ва амалии марбут ба хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, натиҷа ва хулосаҳое, ки дар илм эътироф гардиданд, аз қабилӣ: мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои илмӣ ва амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ, қонунгузории давлатҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақаие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳқиқи ҳолати воқеӣ, дурнамо ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва моҳияти таҳқиқоти илмӣ ба шиносномаи 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузориҳо ва дигар услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудаст, ки дастовардҳои илмии диссертант вобаста ба натиҷаҳои мавзуъ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ бо маърӯзаҳо баромад карда шуданд, аз ҷумла дар:

**1) байналмилалӣ:**

– Конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳолат ва дурнамои инкишофи илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Тоҷикистон. Мубрамияти масоили ҳуқуқ дар замони муосир: назари ҷавонон» – маърӯза дар мавзуи «Мубрамияти масоили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар замони муосир» (ш. Душанбе, 24 апрели соли 2015);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии дар мавзуи «Ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряхҳо дар партави ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 25 феврали соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии дар мавзуи «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, ноябри соли 2023).

**2) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 25-соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Мафҳум ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 6 майи соли 2016);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар 30-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Шомурат Менглиев – маърӯза дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 22 майи сол 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон – 23 май ва Бистсолаги омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) – маърӯза дар мавзуи «Пайдоиши илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 18-19 майи соли 2023);

– семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2015-2024, ш. Душанбе).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба муҳтаво ва моҳияти диссертатсия муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва

тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Мавзуъ, мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро дар бар мегирад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, мақсад ва дараҷаи муҳимияти омӯзиши мавзуъ, объект, усулҳо, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, заминаҳои тадқиқотии илмӣ ва амалӣ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда тасдиқ кард шудааст.

**Боби якуми диссертатсия:** «Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

**Зербоби якуми боби якум «**Ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**»** номгузорӣ карда шудаст. Вобаста ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни диссертатсия муаллиф ба хулоса омад, ки танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии хориҷиён дар Аҳди қадими сарзамини тоҷикон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошт, яъне дар ин давра дар сатҳи ниҳоӣ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳимояи ҳуқуқи хориҷиён равона гардида буд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф бо хусусиятҳои пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар марҳилаҳои гуногуни таърих ба чор давра тасниф менамояд.

Дар давраи ибтидоии давлатдории инсоният ҳуқуқи хориҷиён бо мафҳуми «hostis» фаҳмида мешуд. Аслан ин

ҳуқуқ баҳри ҳимоя ва таъмини манфиатҳои шаҳрвандони як давлат равона гаидида буд. Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоиши робитаҳои тиҷорат байни авлоду қабила ва кишварҳои ҳамсоя марҳила ба марҳила мафҳуми ҳуқуқи меҳмоннавозӣ пайдо гардида, ки мазмунаш дар он ифода меёфт: хориҷиён – ин меҳмононе мебошанд, ки таҳти парастор ва ҳимояи шахси даъваткунанда (ғуломдор ё давлат) қарор дошт. Марҳила ба марҳила меҳмоннавозии хусусӣ ба меҳмоннавозии давлатӣ табдил ёфт, ки дар натиҷа дар танзими вазъи ҳуқуқии хориҷиён ширкати меъёрҳои одат ва шартномаи байналмилалӣ таъмин гардид. Ҳамзамон, дар ин марҳила дар сатҳи дахлдор танзими меъёрҳои байналмилалӣ дида намешуд, баъзе масъалаҳои ба миён омада тибқи ҳуқуқи миллӣ ҳал карда мешуд.

Дар натиҷаи омӯзиши махазҳои таърихӣ, заминаҳои асосии пайдоиш ва рушди меъёрҳо ва падидаҳои ҷудогонаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ аз аҳди қадим оғоз меёбад ва фарогири марҳилаҳои аҳди қадим, асрҳои миёна, замони шуравӣ ва истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Дар аҳди қадим (ҳуқуқи зардуштӣ) ва асрҳои миёна (ҳуқуқи исломӣ) танзими муносибатҳои ҷамъиятиро бо унсури хориҷӣ, на дар асоси меъёрҳои коллизионӣ, балки дар асоси меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, яъне ҳуқуқи миллӣ ба роҳ монда буд. Дар замони шуравӣ (дар доираи маҳдуд) ва дар замони истиқлолияти давлатӣ бо таври васеъ меъёрҳои коллизионӣ ва моддӣ-ҳуқуқӣ танзимгари муносибатҳои байналмилалии хусусӣ бо унсури хориҷӣ мебошад.

Новобаста аз чунин шароити сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Иттиҳоди Шуравӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дошт. Аммо, дар ин давра масъалаи мазкур бо чунин тарзу андешаҳо ҳалли худро наёфта буд. Зеро, рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз нигоҳи замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, чунин хулоса баровадан мумкин аст. Дар солҳои 90-уми асри XX тағйиротҳои куллӣ дар

Иттиҳоди Шуравӣ дар тамоми ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ, аз қабили муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва робитаҳои мустақилонаи хориҷӣ ба назар мерасид. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди бадаст овардани истиқлолияти давлатӣ, мустақилона сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян намуд.

Воқеан пайдоиш ва рушди муносибатҳои байналмилалии хусусии ҳар як давлат ба истиқлолияти сиёсии он робитаи зич дорад. Аз ин рӯ, ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дида мешавад.

Раванди имрӯзаи ҳаёти ҷамъиятиро бе меъёрҳои муносибатҳои байналмилалии хусусӣ тасавур кардан ғайриимкон аст. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар як муддати кутоҳ ташаккул наёфтааст, рушди он таърихи дуру дарозро дар бар мегирад. Мисол, дар аҳди қадим ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сарзамини тоҷикон дар асоси ҳуқуқи зардуштӣ, дар асрҳои миёна дар ҳуқуқи исломӣ, дар замони Шуравӣ дар низоми ҳуқуқи Шуравӣ ва дар замони муосир бошад дар низоми ҳуқуқи миллӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва ухдадориҳои байналмилалӣ ташаккул ёфтааст.

Бо мазмуни асл, баъди бадаст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мазмуни муосириро гирифт, ки сараввал дар ин давра муносибатҳои байналмилалии хусусӣ тавасути санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ танзим карда мешуд. Дар натиҷа рушди муносибатҳои байналмилалии хусусиро дар замони муосир дар навбати худ ба ду давра ҷудо менамоем: Давраи якум, аз соли 1991 то соли 2005 дар ин марҳилаи рушд қонунгузории махсус дар ин самт қабул нагардида буд ва ин муносибатҳо ба таври умумӣ тавассути дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешуд; Давраи дуюм, аз соли 2005 баъди қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии

Тоҷикистон то инҷониб, ки ин давра бо чунин хусусиятҳояш муносибатҳои ҷамъиятиро тавасути меъёрҳои махсуси соҳавӣ, ба танзим даровард, ки вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, сармоягузории хусусӣ ва давлатӣ, низоми муносибатҳои байналмилдалии мамлакат рушд ва фаъолияти бахши хусусии давлат торафт васеъ гардида инкишоф дода шуд.

Ҳамчунон, қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 3 (се) қисм, аз 24 декабри соли 2022, №1918, ки он аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шудаст, гуфтан метавонем, ки фаҳмиши нави сивилистиро ҳам дар мазмуни мадуд ва ҳам ба мазмуни васеъ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ба вуҷуд овард.

**Зербоби дуюми боби якум** «Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ном дошта дар он муаллиф қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, адабиётҳо ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқукро дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ намуда, мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии хусусиро пешниҳод менамояд. Пеш аз мафҳумеро шарҳ диҳем, моро зарур аст, ки хусусиятҳои хоси онро таҳлил намуда, объектеро пайдо намоем, ки моҳияти масъаларо кушоду равшан дода тавонад.

Муаллиф ақидаҳои назариявие, ки дар адабиети ватанӣ ва хориҷӣ дар бораи мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавҷуданд, таҳлил карда ба хулосае омад, ки баҳси асосӣ дар ин соҳа доир ба муайян кардани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба масоили танзими ҳуқуқии ин соҳаи ҳуқуқ дохил мешаванд.

Таҳқиқбаранда хусусан қайд менамояд, ки мафҳуми расмии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар м. 1191 Кодекси граждании ҶТ аз 1 марти с. 2005, дар м.1306 Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри с.2022, дар м.167 Кодекси оилаи ҶТ аз соли 1998 ва дар м. 387 Кодекси мурофиавии граждании ҶТ аз соли 2008 пешбини менамоянд, мазмуну моҳияти ин соҳаро пурра фарро намегирад.

Бояд дар назар дошт, ки муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ танзим менамояд, дар илмӣ ҳуқуқи байналмилалӣ ва маданӣ солҳои тулони аст, ки мавриди тадқиқот қарор дорад ва мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии хусусиро на танҳо дар танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ тибқи ҳуқуқи давлатҳои гуногун ва қисми дигарашро тибқи шартномаҳои байналмилалӣ ба роҳ монад, зеро моҳияти ҳуқуқии он намемонад, ки масъала як тарафа ҳал гардад. Аз ҳамин лиҳоз хулоса намудан мумкин аст, ки ҳамаи илмҳо, чӣ илмҳои табиӣ, гуманитарӣ ва техникиву техналогӣ мафҳум ва моҳияти ба худ хосро доранд, ки муаррифгари соҳаи илм дар байни илмҳои дигар мебошанд.

Қайд кардан ба мавридаст, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмуи меъёрҳои мураккаби ҳуқуқи иборат аст, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, робиттаҳои иқтисоди ҳориҷӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, соҳибкорӣ, нақлёт, сайёҳӣ, сармоягузори дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, иҷрои супоришҳои судӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, созишномаи тарафҳо ва дигар масъалаҳое, ки қисми таркибии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро бо унсури хориҷӣ ташкил мекунад, танзим менамояд.

Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусиро се хусусияти ҷудонашавадаи он муарифи намуда мустаҳкам мегардонад:

1. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ иборат аст: меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ; меъёрҳои каллизиёнӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои унификатсионӣ;

2. Муносибатҳое, ки ҳуқуқи байналмилалии ҳусусӣ танзим мекунад, ба монандӣ: (муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, иқтисоди хориҷӣ, соҳибкорӣ, нақлёт, сайёҳӣ, сармоягузори дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва

иқтисодӣ);

3. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дорои субъектони худ мебошад, ба монандӣ (шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат, инчунин бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ).

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз нигоҳи моҳият бо вазъи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии давлат вобаста аст ва аз нигоҳи навъ ё табиат ба ҳуқуқи хусусӣ шомил асту дорои сарчашмаҳои хос мебошад, ки онро набояд ба ҳуқуқи маданӣ ё ҳуқуқи оилавӣ ва ё ба ҳуқуқи меҳнатӣ ва на ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ шомил намудаанд ғайриимкон аст.

**Зербоби сеюми боби якум** «Таносуби ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ таъсири онҳо ба рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ном дорад.

Муаллиф қайд мекунад, ки таҳаввули ҳуқуқ дар ду самт дар танзими муносибатҳои хосияти императивӣ (ҳуқуқи оммавӣ) ва хосияти диспозитивӣ (ҳуқуқи хусусӣ) сурат гирифтааст. Дар айни замон, ин зернизомҳо аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Аз ҷумла, дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъерҳо ва институтҳои хусусияти оммавӣ - истифодаи падидаҳои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ, шаҳрвандӣ, реторсия, қайду шарт оид ба тартиботи оммавӣ, тарафайн, бандубасти ҳуқуқӣ ва ғайра истифода ва татбиқ карда мешаванд, ки онҳо ин соҳаи ҳуқуқро аз дигар навъҳои анъанавии ҳуқуқ ҷудо намуда мавқеи онро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ муайян месозад.

Навъҳои ҳуқуқро дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ вобаста ба муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ таносуб гузошта метавонем: мавзуъ, предмет, усулҳо, субъект, объект, принсипҳо, сарчашмаҳо, хусусиятҳо, мафҳумҳо, меъёрҳои ҳуқуқ ва гайра ифода мегардад.

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки хусусиятҳои предмети ҳуқуқи оммавиро аз предмети ҳуқуқи хусусӣ ҷудо намоем,

зеро меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ бевосита ба рушди муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ дар иқтисодиёти бозоргонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагии калон дорад. Дар робита ба ин гуфтан ба мавридаст, ки таносуби ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ, хусусиятҳои онҳо дар низоми ҳуқуқи миллӣ, тамаддуни ҳуқуқи муосир дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва мавқеи сиёсии давлат дар бахши хусусӣ таҳлили муосиро талаб дорад.

Мисол, сарҳади ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусиро иродаи давлат ва меъёрэҷодкунии он маҳдуд намегардонад. Зеро бе иродаи институтҳои фаъоли ҷомеаи хусусӣ рушди минбаъдаи давлат ғайриимкон аст.

Масъалаи таносуби ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ таҳқиқи аниқтарро тақозо дорад, зеро ҷудо намудани ду соҳаи асосии низоми ҳуқуқ, яъне «ҳуқуқи оммавӣ» ва «ҳуқуқи хусусӣ» бо истилоҳи «таносуб» дар назарияи илми ҳуқуқи хусусӣ солҳои дароз аст, ки баҳсу мунозираҳои зиёдеро дар байни олимон ба вуҷуд оварда аст.

Ҳамин тариқ, таносуби ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ дар он мебошад, ки ҳуқуқи хусусӣ ин маҷмӯи меъёрҳо ва принсипҳое иборат аст, ки муносибатҳои алоҳидаи ҷамъиятиро вобаста ба худидорашаванда ва худидоракунанда муносбатҳои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлатро дар алоҳидаги ҳимоя ва ҳифз менамояд, ҳуқуқи оммавӣ бошад аз маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳое иборатаст, ки манфиятҳои давлат ва ҷамъиятро оид ба фаъолияти ҳокимияти давлатӣ равона гардидаст танзим ва ҳифз менамояд.

Таносуби ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ дар чунин мазмун ва моҳият ифода меёбад:

1. Вобаста ба предмети онҳо, яъне агар меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ танзимгари муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва ғайра, пас меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ танзимгари муносибатҳои ҳокимияту тобеиятӣ ва маҷбуркунӣ мебошад;

2. Вобаста ба усули (методи) онҳо, зеро дар ҳуқуқи хусусӣ усули мутобиқатӣ ва диспазитивӣ истифода гардад, пас дар ҳуқуқи оммавӣ усули субординатсия ва императивӣ истифода мегардад;

3. Вобаста ба субъектҳои онҳо: ҳуқуқи хусусӣ асосан дорои субъектҳои худ мебоашд, яъне шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва давлат, ки иштироки онҳоро дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии давлат кафолат дода, танзим менамояд ва ҳуқуқи оммавӣ асосан танзимгару ҳифзкунандаи муносибатҳои байни давлат, ҳокимият ва ҷамъият аст, ки бартарӣ дар муносибат ба давлат (мақомоти он) дода мешавад, яъне давлат субъекти асосӣ баромад мекунад;

4. Вобаста ба манфиатҳо, ҳуқуқи хусусӣ ба ҳимояи манфиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва давлат ва ҳуқуқи оммавӣ ба ҳимояи манфиатҳои давлату ҳукумат ва ҷамъиятӣ равона аст;

5. Ягонагии онҳо дар он аст, ки объекти ягонаи танзим доранд: муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки аз ҷомеа бармеоянд, вале аз ҳамдигар фарқ доранд, яъне муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо иштироки шахсон вобастагӣ дорад;

6. Вобаста аз тарзи таъмини ҳуқуқии онҳо, яъне меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ бо чораҳои таъсири шахсӣ вобастагӣ дошта бошад, пас меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ бо чораҳои таъсиррасонии давлатӣ вобастаги дорад.

Бояд қайд намуд, ки фарқ байни ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ вобаста ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки ин соҳаҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи давлат танзим менамоянд гузошта мешавад. Яъне фарқ дар мафҳуму моҳият, предмету усулҳо, субъектҳо, принсипҳо, муносибаҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои ҳуқуқ ва ғайра ифода мегардад.

**Боби дуюми диссертаатсия:** «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се зербоб иборат буда, дар доираи низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ, тарзу усулҳои гуногуни таълим, раванди таълим дар муассисаҳои таълимии дохилӣ

ва хориҷи кишвар, аз ҷумла дар доираи илмҳои таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дар зербоби якуми боби дуюм** «Предмет ва усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун раванди ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ зери таҳқиқи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо ду мазмун васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Ба мазмуни васеъ предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмуи меъерҳои ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки муносибатҳои байналмилалии хусусиро бо унсури хориҷӣ танзим менамояд. Ба мазмуни маҳдуд бошад, предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмуи меъерҳои маданӣ-ҳуқуқӣ иборат мебошад, ки муносибатҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро бо унсури хориҷӣ танзим менамояд.

Дар қонунгузории мадании кишвар фаҳмиши маҳдуди предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ оварда шудааст. Дар қонунгузории оилавӣ ва мурофиавӣ бошад, фаҳмиши васеи предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, дар танзими муносибатҳои фаромиллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи кодексҳои маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, мурофиаи маданӣ, қонунҳои ҷудогона ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ширкат менамоянд. Дар маҷмуъ дар низоми ҳуқуқи кишвар предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фаҳмиши васеъро ба бор овардааст, ки танзими муносибатҳои фаромиллӣ васеъ гардидааст.

Мавзуи ҳуқуқи байналмилалии хусуси муносибатҳои махсуси ҷамъиятиро танзим мекунад, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб шудаанд, вазъи ҳуқуқӣ ва воқеии ин соҳаи ҳуқукро дар низоми ҳуқуқи миллӣ муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки соҳаҳои ҳуқуқ бошад ҳамеша ва вобаста ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ доимо дар рушд

қарор дорад. Барои ҳамин, муносибатҳои ҷамъиятӣ хусусияти объективӣ ва субъективиро дар табияти иҷтимоии худ қарор дода, вобаста ба пешрафти ҷомеа, дигаргуниҳо дар ҷомеа ва ҳаёти одамон дар ҷомеа, пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятиро вобаста ба зарурияти муносибатҳои инсоният ба вуҷуд меорад. Мисол, дар низоми ҳуқуқи хусусӣ як гурӯҳ соҳаҳои ҳуқуқ бо ҳам дар алоқамандии зич қарор доранд, ба монанди , ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, замин, кишоварзӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва ғайраҳо, ки то ҳади муайян дар низоми ҳуқуқи миллӣ танзим карда мешаванд, вале мушкилот дар он аст, вақте ки яке аз унсурҳои соҳаҳои ҳуқуқи номбурдаро унсури хориҷӣ ташкил диҳад, предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқоти гузаронида шуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусиро якчанд муносибатҳои махсусе, ки аз соҳаҳои дигари ҳуқуқ ба предмети он ишора мекунад ташкил менамояд, ки онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо менамоем.

1. Предмети иҷтимоии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат аст, ки аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фарро гирифта мешавад ва онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

А) Ба сифати предмети иҷтимои баромад мекунад, он муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, техникӣ, урфу одат, ҷашну маросим, оила, ахлоқ, илмӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қарор дорад;

Б) Ба предмети иҷтимоии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дохил мешавад: ҳамкориҳои тиҷоратии шахсони ҳуқуқии кишварҳои гуногун, Мисол, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар ва нисбати шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон вазъии ҳуқуқии онҳоро муайян карда бошад.

2. Ба предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ он муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқие, ки бо унсури хориҷӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ мураккаб гардидаанд, дохил карда мешаванд.

3. Дар фаҳмиши васеъ ба предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дохил мешаванд, на танҳо муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқе, ки бо унсури хориҷӣ вобастаанд, балки предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар маънои васеъ як гурӯҳи махсуси муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқиро якҷоя мекунад, ки онҳо хусусияти умуми ҳуқуқиро дар табиати ҳуқуқи хусусӣ ҳифз карда тавонанд. Аслан сухан дар бораи он муносибатҳое, ки аз ҳуқуқи маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ, манзил, бонкӣ, корперативӣ, арбитражи байналмилалӣ, мурофиаи маданӣ ва ғайраҳо бо унсури хориҷӣ вобастаанд, фаҳмида мешавад.

Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба се гурух ҷудо карда мешавад: – усули коллизионӣ-ҳуқуқӣ, усули моддӣ-ҳуқуқӣ ва усули унификатсионӣ (ягонакунонӣ)-ҳуқуқӣ.

Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ, байналмилалӣ ва одати байналмилалӣ амал мекунанд.

Дар баробари усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар баъзе ҳолат усули диспозитивиро баъзе олимон дохил мекунанд, ки иштибоҳ мебошад, зеро усули диспозитивӣ дар дохили усулии моддӣ-ҳуқуқӣ амал мекунад ва яке аз унсурҳои асосии усули моддӣ-ҳуқуқӣ ва коллизиёнӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Дар баъзе ҳолатҳо, танҳо барои бартараф кардани меъёрҳои коллизионӣ истифода мегардад ва барои расидани созиш байни тарафҳо бе маҷбуркунии меъёрҳои ҳуқуқҳои дахлдор амал мекунад.

Аз ин рӯ, усули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ гуфта маҷмӯи тарз ва воситаҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар муносибатҳои ҷамъиятие, ки байни объект ва субъектони ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба вуҷуд меоянд, мефаҳмонад.

Ҳамин тариқ, аз муқаррароти предмет ва усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бар меояд, ки тавасути ин соҳаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама меъёрҳои ҳуқуқи дохили давлатӣ ва давлатҳои гуногун, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро муайян мекунад ва муносибатҳои муҳими ҷамъияти танзими худро меёбад, предмет ва усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо табиати хоси ҳуқуқии худ батанзим медарорад. Аз ин рӯ, қайд кардан бамаврид аст, ки чунин муносибатҳо робитаи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии як давлатро дар давлати дигар ё ин ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар давлатҳоро дар дохили давлат, ба танзим даровардa, предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста мешавад.

**Зербоби дуюми боби дуюм** «Таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст.

Тадқиқоти фазои ҳуқуқии кишвар нишон медиҳад, ки соҳаҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии миллӣ дар рушди доимии эволютсионӣ қарор доранд, ки муносибатҳои нави ҷамъиятиро мустаҳкам ва танзим мекунанд. Бо дарназардошти равишҳои мавҷудаи доктриналӣ, дар ибтидо ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо низоми ҳуқуқи миллӣ робитаи зич доштанд ва баъдан бо рушди муносибатҳои ҳуқуқии миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва ташкили гурӯҳи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи миллӣ дигар қодир набуд, ки ҳамаи унсурҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии оммавиро муттаҳид кунад ва ҳуқуқи байналмилалии хусусиро танзим кунад. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи хусусиятҳои фарққунанда ба миен омад, ки ду ин соҳаро аз ҳам ҷудо мекунанд.

Дар идома диссертант қайд мекунад, ки низоми ҳуқуқии кишвар дар шароити имрӯза аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос аз рӯи ду меъёри асосӣ: мавзуъ ва усули танзими ҳуқуқ ҷудо карда мешавад. Дар асоси ин меъерҳо низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба соҳаҳои алоҳида тақсим шуда,

соҳаҳои ҳуқуқро байни ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ тақсим менамояд.

Таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси чунин маҳакҳои илмӣ ҷудо карда мешавад:

1. Вобаста ба предмети худ ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ муносибатҳои байналмилалии байнидавлатиро, ки табияти созишӣ-ҳуқуқӣ ва истисноию ҳокимиятӣ-давлатӣ доранд, танзим менамояд.Ба монанандӣ, муносибатҳо байни давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ, халқу миллатҳо барои истиқлолият мубориза баранда ва шаҳрҳои давлатмонанд. Предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ду мазмун бо унсури хориҷӣ дониста мешавад. Якум, бо мазмуни маҳдуд, предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ танзимгари муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ бо унсури хориҷӣ мебошад. Баъдан бо мазмуни васеъ, предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ (маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, мурофиаи маданӣ, фаъолияти иқтисоди беруна ва ғайра) бо унсури хориҷӣ танзим менамояд, фаҳмида мешавад.

2. Вобаста бо субъект: дар ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ субъект давлат, созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ, халқу миллатҳои озодихоҳ ва шаҳрҳои давлатмонанд баромад мекунанд. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ давлат ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун субъект инкор карда нашудаст, вале шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқӣ субъекти асосӣ мураифи мегардад. Дар ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ бошад шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъект пазируфта нашудааст.

3. Вобаста ба объект: объекти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ муносибатҳои байналмилалии байнидавлатию ҳокимиятию давлатӣ мебошанд. Объекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳои байналмилалии ғайридавлатии табияти хусусӣ-ҳуқуқӣ дошта мебошанд.

4. Вобаста ба усулҳо: дар ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ усулҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, ғоявӣ-ҳуқуқӣ,

ташкилӣ-ҳуқуқӣ, созишӣ ва дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бошад усулҳои коллизиёнӣ-ҳуқуқӣ, моддӣ-ҳуқуқӣ ва унификатсионӣ-ҳуқуқӣ истифода мешавад.

